«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, доктори илмҳои филологӣ,
_____ Шарифзода Ф.Х.
«__» _____ соли 2026.

ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Муҳаммадзода Маърифат Муҳаммадҷон дар мавзуи «Масъалаҳои матншиносӣ ва поэтикии достони «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и Хоҷуи Кирмонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)

Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм. Диссертатсияи Муҳаммадзода Маърифат Муҳаммадҷон, ки ба мавзуи «Масъалаҳои матншиносӣ ва поэтикии достони «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и Хоҷуи Кирмонӣ» бахшида шудааст, ба банди 4-уми бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мутобиқат менамояд.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Муаллиф мубрамии мавзуи худро ин гуна асоснок менамояд, ки дуруст аст: «Аҳволу рӯзгор ва масъалаҳои матншиносиву нусхашиносӣ ва поэтикии осори бархе аз суханварони форсии тоҷикӣ, аз ҷумла Хоҷуи Кирмонӣ то ҳанӯз аз доираи пажуҳишҳои илмӣ дур мондаанд ва ё камтар мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд» (дисс., с. 4).

Камолуддин Абулато Маҳмуд ибни Алӣ ибни Маҳмуд Муршидӣ маъруф ба Хоҷуи Кирмонӣ аз ҷумлаи шоирони асри XIV буда, чунонки диссертант менависад, бо унвонҳои ифтихории «нахлбанди шуаро», «халлоқулмаонӣ» ва «маликулфузало» машҳур будааст, вале рӯзгору осораш нисбатан камтар мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор гирифтааст. Ин байти Ҳофизи Лисонулғайб ба шуҳрати ӯ далолат дорад:

Устоди ғазал Саъдист пеши ҳама кас, аммо,
Дорад сухани Ҳофиз тарзи сухани Хоҷу.

Таҳқиқи мавриди гуфтугӯ дар хусуси достони нахустини Хоҷуи Кирмонӣ – «Ҳумой ва Ҳумоюн» буда, то кунун таҳқиқи алоҳидае вобаста ба баррасии масъалаҳои матншиносӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии асар вуҷуд надорад. Аз ҷумла, муҳаққиқи ҷавону умедбахш баъзе афзалиятҳои достони мазкурро нисбат ба дигар достонҳои адабиёти форсии тоҷикӣ таъкид мекунад, ки то кунун се бор достони мазкур дар Эрону Тоҷикистон ба нашр расидааст, вале дар адабиётшиносии тоҷик ба таҳқиқу баррасии ин мавзуъ таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир нашудааст. Ҳамзамон, ба назари ӯ, «баррасии масъалаҳои матншиносии достони «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и Хоҷуи Кирмонӣ ба таври куллӣ ва муайян намудани вижагиҳои поэтикии асар ба таври ҷузъӣ зарурат ва аҳаммияти интихоби мавзуи диссертатсияро фароҳам овардааст», ки дуруст мебошад.

Чунин равиши таҳқиқ, ба андешаи мо, ҷиҳати омӯзиши масъалаҳои матншиносӣ ва ошкор сохтани хусусиятҳои ғоявии достони «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и Хоҷуи Кирмонӣ аз ҷиҳати назарӣ ва амалӣ аҳаммияти вижа дорад.

Омӯзиш ва таҳқиқи мавзуи номбурда имкон додааст, ки диссертант аз нигоҳи сохтириву шаклӣ то ҳадде бартарӣ доштани достони «Ҳумой ва Ҳумоюн»-ро ошкор созад, аз ҷумла баъзе аз навоварию ибтикороти ҳунарии Хоҷуро дар достоннависӣ нишон диҳад, ки он аз дастовардҳои муҳаққиқ ба ҳисоб меравад ва чунин тарзи муносибат интихоби дуруст будани мавзуи таҳқиқшавандаро таъйид менамояд.

Нуктаи дигар ин ки диссертант аз пешинаи таҳқиқи худ огоҳии хуб дошта, дар баробари рисолаҳои илмии муҳаққиқони рӯзгору осори Хоҷуи Кирмонӣ, инчунин аз сарчашмаҳои асримиёнагие, чун «Оташкадаи»-и Лутфалибеки Озар, «Таърихи Нигористон»-и Қозӣ Аҳмади Ғаффорӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, «Майхона»-и Абдуннабии Қазвинӣ ва «Райҳонат-ул-адаб»-и Муҳаммадалии Мударриси Табрезӣ истифода бурдааст, аз дониши мукаммал доштани муҳаққиқи ҷавон шаҳодат медиҳад.

Дараҷаи асоснокқунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд. Диссертант аз таҳқиқи масъалаҳои кори диссертатсионии худ ба таври вижа ва зарурӣ натиҷагирӣ намуда, онҳоро тибқи талабот дар гузоришу мақолаҳо дар ҳамоиш, коференсияҳои сатҳи гуногун, дарсҳои таърихи адабиёти давраи классикӣ дар курсҳои такмили ихтисос ироа ва нашр намудааст. Сифат ва сатҳи таҳлилу хулосабарориҳои диссертантро маводди мавриди истифодаи вай тасдиқ менамояд. Ҳамчунин, маводди нашрнамудаи ӯро олимони соҳа баҳои мусбат додаанд, ки ҳамаи ба дараҷаи асоснокқунии гузоришҳои диссертант далолат мекунанд.

Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда, дар он зоҳир шудааст, ки достони «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и Хоҷуи Кирмонӣ ва масъалаҳои матншиносӣ, нусхашиносӣ ва поэтикии он бори аввал мавриди таҳқиқи монографӣ қарор дода шудааст. Диссертант, дар таҳқиқи мавзуъ маводди зиёди назарию адабиро гирдоварӣ намуда, масъалаҳои муҳимтарини ба мавзуъ дахлдоштаро дуруст муайян намуда, онҳоро бо далеловариҳои мушаххас мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Масъалаҳои калидии мавриди таҳқиқи диссертант нишон додани ҳунари достоннависии Хоҷу, дар мисоли достони «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и ӯ, шинохти матнҳои матбуъ ва нусхаҳои муътамади достон аст. Дар ин зимн, ба диссертант муяссар шудааст, ки ба зиндагиномаи Хоҷу, ному унвонҳои ифтихории вай, санаи валодат ва фавти шоир, таснифи мероси адабии ӯ, сарчашмаҳои достони «Ҳумой ва Ҳумоюн», сохтор ва муҳтавои он, забон ва сабки достон, таъсирпазирии Хоҷу аз шоирони гузашта, ибтикороти шоир дар достонсароӣ ва монанди инҳо дахл намуда, онҳоро дуруст мувофиқи матлаб ва дар сатҳи хубӣ илмӣ матраҳ карда, ба натиҷаҳои дилхоҳ даст ёбад. Ҳамаи инҳо навгонӣ ва саҳеҳии натиҷаҳои бадастовардаи диссертантро бармало менамояд.

Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия. Масъалаҳои дар диссертатсия ҳал шуда, бо муҳтавои хуб ва натиҷагириҳои амиқ метавонанд заминаи назарии шинохти рӯзгору осори адабии Хоҷуро фароҳам созанд, ҳунари шоирии Хоҷуро бармало намоянд, дар таҳқиқи мавзуъҳои дигари таърихи адабиёти классикӣ, нишон додани ҳунари достонсароии шоирони ҳамасри Хоҷу, таҳқиқи нусхаҳои хаттӣ ва чопии осори адабӣ, баҳогузорӣ ва нақди осори матбуъ, роҳҳои мушаххаси муқоисаи осори адабӣ ва монанди инҳо дар адабиётшиносӣ истифода шавад ва кори муҳаққиқони ояндаро саҳл намояд.

Маводди таҳқиқии дар диссертатсия фароҳам омада, метавонад дар таълифи китобҳои назарияи адабиёт, каломи бадеъ, матншиносӣ, сарчашмашиносӣ, нусхашиносӣ, таърихи адабиёти давраи классикӣ, сабкшиносӣ, таҳияи корҳои курсӣ, навиштани корҳои дипломӣ ва рисолаҳои хатм, гузаронидани семинарҳои илмӣ ва монанди инҳо истифода шавад, ки инҳо ба арзиши амалии таҳқиқот далолат мекунанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ. Диссертатсия бо забони фасеҳи илмӣ таълиф гардидааст. Ҳамаи масъалаҳо бо принсип ва методҳои таҷрибашудаи илмӣ баррасӣ шуда, мавриди ҳал қарор гирифтаанд. Афкори диссертант, бо далелҳои мушаххас оро ёфта, натиҷагирӣ шудаанд. Дастовардҳои диссертант ва хулосабарориҳои вай ҷолибу навоваронаанд ва нуктаҳои муҳимму асосии онҳо дар шакли гузоришу мақола дар маҳфилу семинар ва конференсияҳо иброз гардида, ба нашр расидаанд, ки ҳамаи инҳо дараҷаи эътимоднокии таҳқиқотро тақвият бахшидаанд.

Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он. Мақсади асосии диссертатсияи мавриди гуфтугӯ таҳқиқ ва ошкор сохтани масъалаҳои матншиносӣ ва хусусиятҳои поэтикии достони «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и Хоҷуи Кирмонӣ, бавижа муаррифии нусхаҳои хаттӣ ва нашрҳои имрӯзии он, омӯзиши сарчашмаҳои он, сохтору мундариҷа, навоварию ибтикороти шоир, таассуроти шоир аз достоннависони қаблӣ ва баррасии шеваи баён ва нигориши асар мебошад, ки хушбахтона, муаллиф ба он даст ёфтааст.

Таҳқиқот дар асоси се нашри маснавии «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и Хоҷуи Кирмонӣ, ки аз ҷониби К. Айнӣ (Теҳрон, 1347), Сайид Ниёзи Кирмонӣ (Теҳрон, 1369), Б. Раҳматов, О. Оқилов ва Ш. Олимова (Хуҷанд, 2017) таҳия шудааст, сурат гирифтааст. Саҳми шахсии муаллиф, ҳамчунин, дар омӯзиши назариёти донишмандони муосири ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳси диссертатсия, таҳлилу таҷзия ва муқоисаи онҳо, омода намудани мақолаю маърузаҳо доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад.

Муносибати методологии муаллиф нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ нишондиҳандаи саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои ҳалли илмии масъала замина фароҳам овардааст. Муаллиф дар таҳияи диссертатсия аз равишҳои илмии таҳқиқи муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлилӣ, матншиносӣ, сохторӣ ва омориву тавсифӣ истифода бурдааст.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Диссертант вобаста ба мавзуи диссертатсия 11 мақола таълиф кардааст, аз

ҷумла 6 мақолаи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионӣ интишор шудаанд, гувоҳи саҳми ӯ дар ин риштаи илм мебошад.

Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссератстсия. Дар диссертант асосан ду масъала: а) матншиносӣ ва б) мухтассоти ғоявии маснавии «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и Хоҷуи Кирмониро мавриди пажуҳиш қарор дода, вазифаҳои ба дӯш доштаашро комилан иҷро кардааст.

Бар ин асос, метавон ба чунин натиҷа расид, ки диссертатсияи аз ҷониби Муҳаммадзода Маърифат Муҳаммадҷон таълифшуда бо дарназардошти дастабандии мураттаби мавзуоти баррасишаванда, тарҳи мантиқан муназзами бобу зербобҳои диссертатсия ва меҳварҳои аслии барои дифоъ пешниҳодшаванда, бо равишҳои тозаву дидгоҳҳои нави илмӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ ва баррасӣ қарор додани масоили мавриди баҳс, пажуҳишу таҳқиқи муфассалеро дар заминаи достони «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и Хоҷуи Кирмонӣ анҷом додааст, қобили арзиш ва шоистаи таҳсин мебошад.

Диссертатсияи Муҳаммадзода Маърифат Муҳаммадҷон аз муқаддима, се боб, 9 фаслу 5 зерфасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт таркиб ёфта, 179 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Дар муқаддимаи диссертатсия аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ мушаххас шудаанд. Дар баробари ин, оид ба объект ва предмет, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаҳо ва навовариҳои илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқи мавзуъ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳо, интишорот аз рӯйи мавзуи таҳқиқшаванда, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумот дода шудааст.

Боби аввали диссертатсия **«Хоҷуи Кирмонӣ ва тасҳеҳу нашри достони «Ҳумой ва Ҳумоюн»** ном дошта, аз 3 фасл ва 3 зерфасл иборат аст. Дар фасли аввал, ки **«Мурруре ба аҳволу осори Хоҷуи Кирмонӣ»** унвон дорад, муаллиф бо такя ба сарчашмаҳои адабӣ ва рисолаҳои илмӣ масъалаҳои зиндагинома, номи аслӣ, ваҷҳи интихоби тахаллус, алқобу унвонҳои ифтихорӣ ва мероси адабии Хоҷуи Кирмониро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Диссертант дар ин фасл саъй кардааст, ки дар масъалаи тахаллуси шоир бар асоси андешаи донишманди эронӣ Манучеҳри Ситуда ба исбот расонад, ки ваҷҳи интихоби «тахаллуси шоир метавонад бо шеваи шуфтори мардуми Кирмон иртибот дошта, дар интиҳои номҳо як «вов» изофа намоянд, ки дар ин ҳолат Хоҷа ба Хоҷу табдил мешавад» (дисс., 18). Диссертант бар ин бовар аст, ки нахустин бор ин андешаро Фахруззамони Қазвинӣ дар тазкираи «Майхона» баён дошта, шаҷараи шоирро бо «хоҷазодагон» пайванд зада, аз ҷумла бо навозишу меҳрубонӣ волидонаш ӯро Хоҷу садо мекарданд, ки баъдтар онро шоир ҳамчун тахаллуси адабии худ интихоб кард.

Унвони ифтихории «нахлбанди шуаро», ки аксари сарчашмаҳои адабӣ ба Хоҷуи Кирмонӣ нисбат додаанд, ба ин байти шоир пайванд дорад:

Найи хомаам нахлбандӣ намуд,
Ба нахли сухан сарбаландӣ намуд.

Ва ниҳоятан чунонки диссертант ба субут расонидааст, «нахлбанд ҳунармандест, ки зебоӣ меофарад», ки албатта ба ҳунари баланди шоирии ӯ ишораи сареҳ дорад. Чунонки дар ин маврид, Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар равзаи ҳафтуми «Баҳористон», он ҷо ки дар бораи шуаро мулоҳиза меронад, интисоби лақаби мазкурро ба «тазйини алфоз ва таҳсини иборот ҷаҳде балеғ» доштани шоир марбут медиҳад, ки арзёбии дуруст ва мунсифона аст. Ин маъниро Давлатшоҳи Самарқандӣ низ дар «Тазкират-уш-шуаро» таъкид кардааст, ки бешак ба фасоҳату балоғати сухани Хоҷу ишорат дорад.

Афзун ба ин, диссертант дар бораи ному насаб, шаҷара, соли дақиқи вафоти шоир ва мероси адабии Хоҷуи Кирмонӣ баҳсҳои ҷолиб карда, маҷмуи абёти шоирро, ки дар замони зиндагияш ба ҳуллияи табъ ороста шуда, бо такя ба таҳқиқи донишманди шаҳири эронӣ Забеҳуллоҳи Сафо аз чилу чаҳор ҳазор байт иборат медонад.

Дар фасли дувуми боби якум, ки **«Нусхашиносии «Ҳумой ва Ҳумоюн»** номида шудааст, муаллиф дар бораи 20 нусхаи хаттӣ ва 4 чопи литографию сангии достони мазкури Хоҷу, ки дар китобхонаҳои Қуния, Истамбул, Теҳрон, Лондон, Мюнхен, Тошканд, Калкутта мавҷуданд ва аз ҷониби муҳаққиқоне чун А. Родфар, К. Айнӣ, С. Хонсорӣ, Н. Кирмонӣ тавсифи илмӣ шудаанд, таҳқиқи доманадореро анҷом додааст. Аз рӯйи чунин мулоҳизаҳои шахсии муҳаққиқи ҷавон метавон ба ин хулоса расид, ки ӯ ба масъалаҳои илмии мавриди таҳқиқ ворид мебошад.

Аз ҷумла, Муҳаммадзода Маърифат Муҳаммадҷон дар бораи як нухсаи қаламии достони «Ҳумой ва Ҳумоюн», ки 25 рабиюлохири соли 830 ҳ. қ. /3-уми марти 1427 дар Шероз истинтох шуда, ҳоло дар китобхонаи шаҳри Мюнхен маҳфуз аст, баҳс мекунад, ки дар замони зиндагии шоир навишта шудааст. Бад-ин далел, ки муаллиф чанде пештар навиштааст: «Ӯ аз ҷумлаи шоиронест, ки дар вақти дар қайди ҳаёи буданаш ба ҷамъоварии осораш иқлом намудааст» (дисс. с.13). Ин аз шуҳрати ашъори Хоҷуи Кирмонӣ дар замони зиндагияш шаҳодат медиҳад, ки вазири суханвар Тоҷиддин Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Алӣ барои интишори осораи ӯ иқдом намудааст. Котиби ин нусха маълум буда, Алӣ ибни Юсуфи Маҳдӣ ном доштааст. Андозаи китоб 15х9 см. буда, ҷилди он бо тимоҷи қаҳваӣ ва нақши зарбии бо гулу бутта тазйин ёфта, шероза ва канораҳои рӯи ҷилд бо ранги қаҳваии рӯшан оро дода шудааст. Сарлавҳаҳои достон бо тазҳиб ороиш дода шудааст. Дар ҳар саҳифа 12 сатр мавҷуд аст, ки чунин сабки нигориш ба аср 14 тааллуқ доштани онро тасдиқ мекунад. Бадғин далел, ки қисмати аъзами нусхаҳои ин давра аз 12 то 15 сатр доранд. Ва муҳимтар аз ҳама нусха то замони комил омада расидааст. Фақат як саҳифаашро оби борон шуста, матни саҳифа бо душворӣ хонда мешавад. Нусхаи мазкур дорои 4 минётура ҳам аст, ки аз матни достон гирифта шудаанд. Ин нусха бори аввал ба муомилаи илмӣ ворид шуда, арзиши рисоларо баланд бардоштааст. Чунин равиши таҳқиқ ба диссертант имкон фароҳам овардааст, ки дар таҳқиқи нусхашиносии танҳо достони «Ҳумой ва Ҳумоюн» ба тавфиқ даст ёбад. Ин гуна таснифоте, ки бо мулоҳизаҳои шахсии муаллиф ҷамъбаст шудаанд, дар рисола хеле зиёд ба чашм мерасанд, ки аз дастовардҳои он ба ҳисоб меравад.

Илова ба ин, муҳаққиқ менависад, ки: «Мо ба иловаи нусхаҳои аз ҷониби А. Родфар, К. Айнӣ, С. Хонсорӣ, Н. Кирмонӣ муаррифишуда, боз 24 нусхаи хаттии «Ҳумой ва Ҳумоюн»-ро дар асоси феҳристҳо ва сайтҳои китобхонаҳои олам муаррифӣ кардем, ки аксари онҳо бори аввал дар адабиётшиносӣ шинохта мешаванд» (дисс., с.33). Албатта, ин амр дар масъалаи нусхашиносии маснавии «Ҳумой ва Ҳумоюн» муҳим арзёбӣ шуда, арзиши рисолаи Муҳаммадзодаро баланд мебардорад.

Дар фасли сеюми боби мазкур муаллиф ба масъалаи **«Тасҳеҳ ва нашри Ҳумой ва Ҳумоюн»** пардохта, дар он оид ба вижагиҳои матншиносӣ ва чигунагии тасҳеҳу веростории се нусхаи чопии он, ки аз ҷониби К. Айнӣ ва С. Кирмонӣ анҷом ёфтааст, мулоҳизарониҳои ҷолиб дорад. Аз ҷумла дар бораи ҳусну қубҳи нашри тоҷикистонии он, ки ғалатҳои зиёд дорад ва тасҳеҳи онҳо андешаҳои судманд баён доштааст, ки метавон дар матншиносии осори ниёгон аз ин истифода кард.

Диссертант ба танқеҳу тасҳеҳи матни достони «Ҳумой ва Ҳумоюн» пардохта, онҳоро ба чаҳор бахш дастабандӣ кардааст, ки дар асоси меъёрҳои муосири матншиносӣ анҷом пазируфтааст:

1. Риоя нашудани изова (ё бандаки изофӣ), ки аз маъруфтарин иштибоҳот дар баргардони матн аз алифбои форсӣ ба кириллӣ ба шумор меравад.

Гунаи нодуруст:
Лаби ҳуфраи он шакарлаб куҷост?
Сари чоҳ он моҳи Нахшаб куҷост?
Гунаи дуруст:
Лаби ҳуфраи он шакарлаб куҷост?
Сари чоҳи он моҳи Нахшаб куҷост?

2. Бемавқеъ гузоштани изофа.

Гунаи нодуруст:
Бипурсид, к-«ин бонгу фарёд чист?
Бад ин гуна шеван дар айвони кист?!
Гунаи дуруст:
Бипурсид, к-«ин бонгу фарёд чист?
Бад ин гуна шеван дар айвон кист?!

3. Нодурустхониҳо ва диққат надодан ба таносубу мантиқи калом.

Гунаи нодуруст:
Ҳанӯзаш ба гулбарг райҳон наруст,
Ҳанӯзаш хазар оби Ҳайвон начуст.
Гунаи дуруст:
Ҳанӯзаш ба гулбарг райҳон наруст,
Ҳанӯзаш Хизир оби Ҳайвон начуст.

4. Иваз кардани калимот ба дасти мусаҳҳеҳон ва бандакҷонишиниҳои феълӣ.

Гунаи нодуруст:
Фиканда бар ҷиллу дебои лаъл,
Рикобаш зи ёқуту заррин-ш наъл.
Гунаи дуруст:

Фиканда бар ҷулли дебои лаъл,
Рикобаш зи ёқуту заррин-ш наъл.

Ин гуна пажуҳишҳои матншиносӣ дар рисола хеле зиёд аст ва муаллиф тавонистааст, он иштибоҳотро муайян кунад. Ва диссертант таъкид мекунад, ки ҳарчанд се бор достони «Ҳумой ва Ҳумоюн» чоп шудааст, вале «ҳанӯз ҷои чопи илмиву интиқодии ин достон дар матншиносӣ холист», ки воқеан дуруст аст.

Боби дуюми рисола **«Сохтор ва муҳтавои ғоявии «Ҳумой ва Ҳумоюн»** ном дошта, дорои 4 фасл мебошад. Мавзуи баҳси фасли аввали боби мазкур **«Сарчашма ва маншаи достон»** буда, диссертант тавонистааст, ки маъхазҳои аслии асарро муайян намояд. Аз ҷумла, баҳсу даъвоҳое, ки бар асоси мазмуни ривоятҳои қадимаи туркӣ таълиф шудани достонро бо бароҳини қотеъ рад кардааст, заминаҳои онро бо далелҳои мустанад афсонаҳои мардуми тоҷик донистааст, ки дуруст аст.

«Сохтори асар» номи фасли дувуми боби мазкур буда, диссертант саъй кардааст, ки масъалаҳои соли таълиф, шумораи абёт ва вазни он мавриди баррасӣ қарор диҳад. Бино ба навиштаи муҳаққиқ: «Ӯ то оғози достон даҳ фасли муқаддамотӣ нигошта, дар ибтидо тамҳиду муноҷоту наътро ба ҷо овардааст. Сипас мадҳ гуфта, аз рӯзгор шиква намуда, зимнан соқиномае низ овардааст» (авт., с.17), ки чунонки ба назар мерасад, дар навиштани маснавӣ ба «Хамса»-и Низомӣ, ки нахустин бор эҷоди соқиномаро дар таркиби маснавӣ ҷорӣ кард, пайравӣ кардааст.

Яке аз ибтикороти Хоҷуи Кирмонӣ дар таркиби маснавӣ ҷой додани ғазал аст. Ба ин нукта дисссертант ҳам пай бурда, менависад, ки дар «қисмати муқаддамотии достон овардани як ғазали ёздаҳбайтист, ки ин аносир дар достонҳои ишқии то замони ӯ ба чашм намерасад. Ғазали дар муқаддимаи достон овардашуда дар девони ашъори Хоҷуи Кирмонӣ мавҷуд нест. Аз ин метавон хулоса намуда, ки ғазали мазкур ҷузви таркибии достон буда, дар ҷараёни навиштани достон ҳамвазн бо он таълиф шудааст».

Баҳси фасли севуми боби мазкур **«Таҳлили муҳтавои достон»** аст, ки муҳаққиқ иҷмолан онро баён доштааст. Яке аз афзалиятҳои достони Хоҷу он аст, ки ошиқу маъшуқ ба висоли худ расидаанд.

Фасли чаҳоруми боби мазкур «**Пайвандҳои мавзуӣ ва сохтории достони Хоҷу бо достонҳои дигар»** унон дошта, диссертант кӯшидааст, ки иртиботи онро бо «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ ва «Хусрав ва Ширин»-и Низомии Ганҷавӣ бо мисолҳои мушаххас нишон дода, ҳаммонандии онҳоро ошкор созад. Зеро вазни маснавии мазкур мутақориби мусаммани маҳзуф ё мақсур аст, ки «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва «Хусрав ва Ширин»-и Низомӣ низ бо ин вазн суруда шудаанд. Зимнан бояд гуфт, ки шоир ин маснавии худро ба номи вазири донишманд Абулфатҳ Маҷдуддин Маҳмуд эҳдо карда ва дорои 4407 байт аст..

Боби сеюми **«Бадеиёти «Ҳумой ва Ҳумоюн»** ном дошта, аз ду фасл иборат аст. Мабҳаси фасли аввали ин боб ба масъалаи **«Забон ва сабки достон»** тахсис дода шудааст. Муаллиф ба ин бовар аст, ки шоир бо истифода аз сабки ироқӣ дар достони хеш аз истилоҳоти фаннӣ, луғоти арабии дуҷузъаву сеҷузъа ва такаллуфу тасаннуъ хеле зиёд баҳра бурдааст.

Аз ҷумла мусталаҳоти илми нуҷум дар асар бештар ба мушоҳида мерасад, ки онро муаллиф «яке аз нишонаҳои сабки фардии Хоҷу» донистааст. Илова ба ин, шоир дар достон вожаҳои зиёдеро сохтааст, ба мушаххасоти сабкии ӯ далолат доранд ва аз тафаннуноти фардии шоир ба ҳисоб мераванд.

Дар фасли дуюми боби сеюм, ки **«Воситаҳои тасири бадеии достон»** ном дорад, муаллиф саъй кардааст, ки муҳассиноти каломи бадеъ, ба мисли таҷнису ташбеҳ, истиора, маҷоз, такрор, муболиға, тамсил, тарсеъ ва талмеҳро намоёнгари ҳунари суханофарини ва маънисозиҳои шоиранд, аз лобалои достон дарёбад ва онҳоро мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Хулосаи диссертатсияи Муҳаммадзода Маърифат Муҳаммадҷон фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 15 банд фароҳам омадаанд ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст. Хулосаҳо дар заминаи баррасии мавзуи меҳварӣ ва муҳтавои фаслу бобҳои диссертатсия ба вуҷуд омадаанд.

Диссертатсияи Муҳаммадзода Маърифат Муҳаммадҷон ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат дорад.

Тахассуси илмии диссертант Муҳаммадзода М.М. ба ихтисоси илмии дархостшаванда 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мувофиқат мекунад.

Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертат сия. Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари дастоварду муваффақиятҳои илмӣ баъзе нуктаҳои баҳсталаб ва камбудҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо боиси боз ҳам боло рафтани ҳусни илмии рисола хоҳад гардид. Аз ҷумла:

1. Баъзан дар рисола ноҳамгунӣ дида мешавад. Масалан диссертант дар фасли дуюми боби якум, ки Нусхашиносии «Ҳумой ва Ҳумоюн» ном дорад, менависад, ки «...дар китобхонаҳои ҷаҳон 20 нусхаи хаттӣ ва 4 чопи литографию сангии «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и Хоҷуи Кирмонӣ» дида мешаванд (авт. 13). Вале дар банди 4-уми Хулоса ба 97 дастхат доштани ин маснавӣ ишора мекунад (авт. 26) ва дар банди 5 Хулоса шумораи дастхатҳоро 44 нусха медонад, ки хонандаро ба шубҳа меандозад, ки кадом рақамаш дуруст аст?!

Ҳол он ки диссертант дар саҳифаҳои 34-45 рисолаи худ тавонистааст, нусхаҳои достони «Ҳумой ва Ҳумоюн»-ро тасниф карда, онҳоро ба бахшҳои нусхаҳои хаттии китобхонаҳои Эрон (16 нусха), нусхаҳои хаттии Ҳиндустон (7 нусха), нусхаҳои хаттии Покистон (3 нусха), нусхаҳои хаттии Туркия (8 нусха), нусхаҳои хаттии Англия (3 нусха), нусхаи хаттии Амрико (1 нусха), нусхаҳои хаттии Русия (5 нусха), нусхаҳои хаттии Узбекистон (3 нусха), нусхаи хаттии Тоҷикистон, нусхаҳои хаттии Озарбойҷон (2), инчунин се нусхаи чопи сангии маснавии мазкурро на танҳо муаррифӣ кунад, балки дар бораи онҳо тавсифи зарурӣ диҳад. Агар ин масъаларо ба таври фишурда дар автореферат ҷой медод, арзиши кор дучанд меафзуд.

2. Дар таркиби маснавӣ овардани ғазал, дубайтӣ, рубоӣ, фардбайт аз ибтикороти шоир ба шумор меояд. Чунонки диссертант овардани як ғазалро

дар таркиби маснавии «Ҳумой ва Ҳумоюн» зикр мекунад ва менависад, ки «ин аносир дар достонҳои ишқии то замони ӯ ба чашм намерасад» (с. 18).

Вале бояд зикр кард, ин масъалаҳо дар мақолаи У. Юсуфӣ «Навгарой дар сохтори маснавӣ» ба таври муфассал таҳқиқ шудаанд, ба чӣ далел мавриди истифода қарор нагирифтааст, ба мо маълум нест.

3. Гоҳе дар автореферат умумигӯӣ ба назар мерасад. Масалан: «Дар маҷмуъ, нусхаҳои хаттии «Ҳумой ва Ҳумоюн», ки мухтасар муаррифӣ ёфтанд, аз маъруфтарин дастхатҳои осори Хоҷу буда, баъзе аз онҳо ир имрӯз дар нашри девони Хоҷу ва «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и ӯ истифода шудаанд. Аммо дар байни онҳо боз нусхаҳое мавҷуданд, ки ба муомилоти илмӣ кашида нашудаанд. Нусхаҳои хаттии мазкур метавонанд, дар тасҳеҳу такмили осори Хоҷуи Кирмонӣ, хосса «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и Хоҷу судманд бошанд» (дисс. с.14).

4. Дар таркиби маснавӣ сурудани соқинома аз Низомии Ганҷавӣ шуруъ шудааст, ки вобаста ба ташаккули соқиноманависӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ донишманди тоҷик Ш. Сӯфизода таҳқиқоти алоҳида дорад, вале, мутаасифона, диссертант он ҷо ки дар муқаддимаи маснавии Хоҷу аз соқиномаи 90 байтӣ мулоҳиза меронад, аз ин пажуҳиш истифода накардааст.

5. Довталаби дараҷаи илмӣ ҳангоми овардани иқтибосҳо нуқтаи назари худро камтар шарҳ додааст. Хуб мебуд, диссертант андешҳои худро доир ба иқтибосҳои оврадашуда ба таври мушаххас баён менамуд, аҳаммияти илмии кор беҳтар мегардид.

6. Гоҳе дар автореферат иштибоҳоти техникӣ низ ба назар мерасанд (дисс., саҳ. 4, 5, 6, 7, 8, 10, 11, 12, 17, 19, 23 ва ғ.). Вале иштибоҳот дар матни диссертатсия камтар аст.

Бояд гуфт, ки нуқсонҳои мавҷуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам карда наметавонанд, зеро муаллифи он асосан, вазифаҳои дар назди худ гузоштаро иҷро кардааст. Бинобар ин, диссертатсияи илмии Муҳаммадзода Маърифат Муҳаммадҷон дар мавзуи «Масъалаҳои матншиносӣ ва поэтикии достони «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и Хоҷуи Кирмонӣ» таҳқиқоти комилан пухта ва анҷомёфта аст.

Авторефераты диссертатсия ва мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф асоси мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд. Аз 11 мақолае, ки муаллиф навиштааст, ки 6-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Хулосаи умумӣ оид ба диссерататсия. Хулоса, диссертатсияи Муҳаммадзода Маърифат Муҳаммадҷон дар мавзуи «Масъалаҳои матншиносӣ ва поэтикии достони «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и Хоҷуи Кирмонӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, ходими калони илмии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Давлатова Холида Муллошоевна омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи шуъбаи таърихи адабиёт муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №1, аз 20-уми январи соли 2026).

Дар ҷаласаи шуъба иштирок доштанд: 9 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 9 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

Раиси ҷаласа:
доктори илмҳои филологӣ,
мудири шуъбаи таърихи адабиёти
Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ — Юсуфов Умриддин Абдукофиевич

Эксперт:
номзади илмҳои филологӣ, ходими калони
илмии шуъбаи таърихи адабиёти
Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ — Давлатова Холида Муллошоевна

Котиби илмии ҷаласа:
ходими илмии шуъбаи таърихи адабиёти
Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ — Шарипова Шоҳзода Абдухолиқовна

Имзоҳои д.и.ф. Юсуфов У.А., н.и.ф. Давлатова Х.М. ва х.и. Шарипова Ш.А.-ро тасдиқ мекунам:

Нозири шуъбаи кадрҳои
Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ — Давлатов Фирдавс Қосимович

ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроғаи муассисаи пешбар:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21.
Тел.: +992 (37) 227-29-07, +992 (37) 221-70-30.
E-mail: iza.rudaki@gmail.com
Сомонаи расмӣ: www.izar.tj

«20»-уми январи соли 2026